# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Рустамзода Сӯҳроб Ҳакимӣ дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-10 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар дарсҳои таърихи умумӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ))

Унвонҷӯй Рустамзода Сӯҳроб Ҳакимӣ мавзуеро барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб намудааст, ки дар шароити муосир бениҳоят муҳим ва мубрам буда, таҳқиқи масъалаи мазкур дар заминаи тағйирёбии босуръати иҷтимоӣ-фарҳангӣ, густариши раванди ҷаҳонишавӣ ва афзоиши таъсири иттилоотии манфӣ ба шуури насли наврас аҳамияти хоса пайдо мекунад. Арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ ҳамчун асоси муҳими шахсияти комил, ҷомеаи устувор ва давлати мустақил ба ҳисоб рафта, ташаккули онҳо дар давраи мактабӣ заминаи мустаҳками тарбияи насли ояндаро фароҳам меорад.

Мувофиқи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазифаи муассисаҳои таълимӣ аз он иборат аст, ки дар раванди таълим ва тарбия ба ташаккули ҳисси ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, эҳтиром ба арзишҳои таърихӣ ва фарҳангии халқи тоҷик, инчунин, маданияти муошират ва ҳамзистии осоишта мусоидат намоянд. Дар ин зимн, дарсҳои таърихи умумӣ имкониятҳои васеъро барои ташаккули арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ фароҳам оварда, ба рушди тафаккури таърихӣ, дарки робитаи замонҳо, эҳсоси масъулият бароиояндаи Ватан ва ҷаҳон мусоидат мекунанд.

Таҳлили адабиёти мавҷуда нишон медиҳад, ки масъалаҳои педагогикаи ватандӯстӣ дар асарҳои муҳаққиқони тоҷик, аз ҷумла, Ф. Шарифзода, Ҳ. Одинаев, М. Лутфуллоев ва дигарон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Аммо, махсусиятҳои ташаккули арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-10 дар дарсҳои таърихи умумӣ дар шароити муосир, ки бо таъсири технологияҳои иттилоотӣ ва тағйирёбии арзишҳо хос аст, ҳанӯз ба таври кофӣ таҳқиқ нашудааст.

Бинобар ин, таҳқиқи шароитҳои педагогии ташаккули арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-10 дар дарсҳои таърихи умумӣ дар шароити муосир имкон медиҳад, ки роҳҳои самарабахши такмили раванди таълим ва тарбия, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва таъмини робитаи муассир бо ҷомеа муайян карда шаванд. Ин таҳқиқот метавонад барои таҳияи маводи таълимӣ-методӣ, тавсияҳои амалӣ ба омӯзгорон ва барномаҳои таълимӣ дар соҳаи таърихи умумӣ саҳми муносиб гузорад.

Дар ин росто, муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ хеле бамавқеъ ва воқеъбинона таъкид кардааст, ки то имрӯз масъалаи ташаккули арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстии насли наврас ба таври бояду шояд ва мукаммал аз ҷониби олимону муҳаққиони тоҷик мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода нашуда, масъалаҳои зерин ҳанӯз ба қадри кофӣ омӯхта нашудаанд: таъсири

арзишҳои ҳуқуқии шаҳрвандӣ ба таҳсилоти муназзами шахсӣ; робитаи сохтори ин гурӯҳи арзишҳо бо муҳтавои унсурҳои он; методҳо ва равишҳои ташаккулёбии арзишҳои шаҳрвандию ватандӯстӣ, эҷоди амсилаи босамари онҳо; лоиҳасозии равандҳои ба ташаккулёбии фарҳанги ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ нигаронидашудава ғайра.

Бино бар ин, иқдому ибтикори довталаб дар мавриди ба таври мушаххасу комил мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додани мавзуи тарбияи ҳисси шаҳрвандӣ-ватандӯстии насли наврас басо муассиру ҷавобгӯ ба талаботи замон буда, аз муҳим будани мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии эшон шаҳодат медиҳад.

Бояд қайд кард, ки довталаб бо мақсади баррасии ҳаматарафаи мавзуи таҳқиқот адабиёту осори илмии олимону муҳаққиқони зиёди ватаниву хориҷиро омӯхта, вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониаш таҳлилу таҳқиқ ва кор ба таври густурда мавриди истифода қарор додааст. Дар баробари ин, мушикфона онҳоро арзёбӣ карда, андешау мулоҳизоти хешро озодона ва аз назари интиқодӣ баён кардааст.

Натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастовардаи унвонҷӯй мақсаднокии истифодаи шароити педагогии пешниҳоднамудаи маллифи рисоларо дар мисоли тарбияи ҳисси шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон тасдиқ мекунанд.

Бояд зикр кард, ки муаллифи диссертатсия таҳқиқоти диссертатсионии аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ шоёнеро, шогирдона бошад ҳам, ба анҷом расонидааст. Навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти Рустамзода С.Ҳ. арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқотро бозгӯ карда, собит месозанд, ки муаллифи диссертатсия дар воқеъ оид ба тарбияи ҳисси шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон пажӯҳиши мукаммал анҷом додааст. Муаллиф, тавассути истифода аз методҳои муосири таҳлил, имкониятҳои педагогии адабиёти бадеиро дар ташаккули ин ҳиссиёт муайян намудааст.

Дар кори илмии мазкур, Рустамзода С.Ҳ., бо такя ба асарҳои классикони адабиёти тоҷик ва ҷаҳон, механизми таъсиррасонии адабиётро ба шуури хонандагон нишон додааст. Муаллиф, бо истифода аз назарияҳои педагогӣ ва психологӣ, нишон медиҳад, ки чӣ гуна хонандагон метавонанд тавассути мутолиаи асарҳои бадеӣ арзишҳои миллиро аз худ намуда, ба Ватан муҳаббат пайдо намоянд.

Арзиши амалии таҳқиқоти Рустамзода С.Ҳ. дар он аст, ки натиҷаҳои онро дар раванди таълиму тарбия дар ҳама гуна муассисаҳои таълимӣ истифода бурдан мумкин аст. Муаллиф, дар асоси таҳлилҳо, тавсияҳои мушаххасро оид ба интихоби асарҳо ва методҳои таълими онҳо пешниҳод намудааст, ки ба омӯзгорон дар тарбияи ватандӯстии хонандагон ёрӣ мерасонанд.

Хулоса, таҳқиқоти Рустамзода С.Ҳ. дар самти тарбияи ҳисси шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон саҳми арзандае дар илми педагогикаи тоҷик мебошад. Натиҷаҳои он метавонанд дар ғанӣ гардонидани методикаи таълими фанни таърих ва дар тарбияи насли ватандӯсту бомаърифат истифода шаванд. Таҳқиқоти мазкур барои муҳаққиқон, омӯзгорон ва доираи васеи хонандагон манбаи муфид буда метавонад.

Изҳор кардан мумкин аст, ки тавсияҳои методии таҳиякардаи довталаб такмили раванди таълими фанни таърихро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ дар самти тарбияи ҳисси шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон таъмин хоҳанд кард.

Андешаҳои дар боло иброзшуда арзиши илмию амалии диссертатсияи Рустамзода Сӯҳробро собит сохта, дар иҷрои кори таҳқиқотӣ салоҳиятнокии илмӣ, мустақилият, тафаккури илмӣ доштан ва соҳиби маҳорату малакаи иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ будани унвонҷӯйро нишон медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳои методӣ аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шудаанд.

Ба андешаи банда, довталаб ба мақсадҳои таҳқиқот комёб шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузоштаро ҳаллу фасл кардааст. Автореферати диссертатсия ба талабот ҷавобгӯ буда, муҳтавои мухтасари диссертатсияро ифода мекунад. Мақолаҳои дар нашрияҳои тақризшаванда чопнамудаи муаллифи рисола мазмуни таҳқиқотро пурра инъикос мекунанд.

Диссертатсияи Рустамзода Сӯхроб Ҳакимӣ дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-10 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар дарсҳои таърихи умумӣ” ба талаботи Низомнома дар бораи шӯрои диссертатсинӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) сазовор мебошад.

Муқарриз:
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор, директори Муассисаи
давлатии буҷетии таҳсилоти миёнаи
умумии Россия-Тоҷикистон
"Мактаби миёнаи умумӣ дар шаҳри
Хуҷанд ба номи А.П. Чехов" Хоҷаева М.Ҷ.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд,
микроноҳияи 8, бинои 31
e-mail: rtsosh-khujand@mail.ru
тел. +992834 22 5-88-55

16.03.2025

Имзои Хоҷаева М.Ҷ.-ро тасдиқ мекунам:
Мутахассис оид ба кадрҳои
МДБТМУ РТ "ММУ дар ш. Хуҷанд
ба номи А.П. Чехов" Норматова М.А.